## 6. ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

## Дар бораи гирифтан ва ба маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" додани қитъаҳои замин

Мутобиқи моддаҳои 26(1), 29, 30, 41 ва 45 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Аз ҳисоби заминҳои замин истифодабарандагони шаҳри Кӯлоб майдони умумии 309,32 гектар, аз он 149,98 гектар замини корами обӣ, 4,96 гектар боғот, аз он 1,96 боғи обӣ, 21,0 гектар заминҳои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон, 8,67 гектар зери об, 1,37 гектар зери роҳ, 0,16 гектар зери сохтмон ва 123,18 гектар заминҳои дар кишоварзӣ истифоданашаванда гирифта, ба маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" барои ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ дода шавад.

2. Гирифтани қитъаҳои замин бо тартиби зерин амалӣ карда шавад:

- аз ҳисоби заминҳои кооперативи тиҷоратии "Сайид Алии Ҳамадонӣ" майдони умумии 266,69 гектар, аз онҳо 144,98 гектар корами обӣ, 8,35 гектар зери об, 1,08 гектар зери роҳ, 0,10 гектар зери сохтмон ва 112,18 гектар заминҳои дар кишоварзӣ истифоданашаванда;

- аз ҳисоби заминҳои хоҷагии деҳқонии "Ҳайталӣ" майдони 3,0 гектар заминҳои дар кишоварзӣ истифоданашаванда;

- аз ҳисоби заминҳои хоҷагии деҳқонии "Сайдамир" майдони 3,0 гектар заминҳои дар кишоварзӣ истифоданашаванда;

- аз ҳисоби заминҳои хоҷагии ёрирасони "Одинаева М." майдони умумии 15,20 гектар, аз он 5,0 гектар замини корами обӣ, 4,96 гектар боғот, аз он 1,96 гектар боғи обӣ, 0,12 гектар зери об, 0,06 гектар зери роҳ, 0,06 гектар зери сохтмон ва 5,0 гектар дигар заминҳои дар кишоварзӣ истифоданашаванда;

- аз ҳисоби заминҳои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон майдони умумии 21,43 гектар, аз он 21,0 гектар замини корами обӣ, 0,20 гектар зери об, 0,23 гектар зери роҳ.

3. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб:

- ба ивази заминҳои гирифташуда ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ёрирасони шахсӣ заминҳои баробарарзиш пешниҳод намояд;

- қитъаҳои заминро баъди гирифтани ҳосили рӯёнидашуда пешниҳод намояд.

4. Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" аз ҷуброни талафи истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста ба гирифтани заминҳо аз гардиш озод карда шавад.

5. Кумитаи давлатии идораи заминва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳуҷҷатҳои кадастри замин тағйироти дахлдор ворид намояд.

**Раиси**

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**аз 31 августи соли 2020 № 480**

**ш. Душанбе**